**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-059-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзӯи «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Пурраву возеҳ ошкор сохтани табиати ҳар падида масъалаест, ки дар раванди ҳама таҳлилу муҳокимаҳои илмӣ, ҳамчун маҳаки асосӣ ва муҳими қазовату хулосабарориҳо ба миён меояд. Бояд гуфт, ки табиати ҳуқуқии ҷиноятии мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ мушкилоту муаммоҳо ҳамешагӣ буда, бо тағйири сохти ҷамъият, пешрафту тараққӣ ва иваз гардидани арзишҳо ба шаклу сурати дигар ҷилвагар мешаванд.

Диссератсияи номзадии унвонҷӯ Зокирзода Зафар Хайрулло, ки ба мавзӯи “Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ” ихтисос дорад, аз масъалаҳои хеле печидаву мураккаби илми ҳуқуқшиносӣ мебошад. Аммо бояд таъкид кард, ки ҳамон давлате муваффақтарини кишварҳои дунё ҳисобида мешавад, ки бо доштани қонунгузории посухгӯ ба ҳар суоле адолати иҷтимоиро таъмин кунад.

Ба ин маънӣ диссератсияи номзадии Зокирзода Зафар бо унвони «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ» яке аз масъалаҳои муҳимму рӯзмарраи ҳуқуқшиносӣ буда, шоистаи таҳсину тақдир аст. Муҳимтар аз ҳама, чунин таҳқиқоти шоиставу ҷиддӣ кафолати падид омадани дастурҳои комил барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мегарданд, ки мутаассифона, ҳанӯз ҳам ниёзманди чунин маводанд. Бахусус, масъалаи мусодираи молу мулк ва татбиқи он ҳанӯз ҳам дар қонунгузории тоҷик ба таври бояду шояд омӯхта нашудаву интизори пажӯҳиш аст.

Аз ин нуқтаи назар диссертатсияи номзадии Зокирзода Зафар дар мавзӯи «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ» аз аҳамияти зиёди илмию амалӣ бархӯрдор аст. Ҳамон гуна, ки аз мутолиаи фишурда (автореферат) возеҳ мегардад, рисола дар сатҳи баланди илмӣ иншо гардидааст, ки воқеан, дар дастраси умум қарор гирифтани он амри хеле муфид аст.

Диссертант дар муқаддимаи кор доир ба муҳиммияти мавзӯи мавриди назар, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ ва масоили мундариҷавии кори илмӣ маълумот додааст.

Боби аввал, ки «Танзими ҳуқуқии ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ» унвон шудааст, аз ду зербоб иборат аст. Муаллиф бо овардани намунаҳо ва шавоҳиди зиёд фикру назарҳои худро перомуни масоили мазкур тақвият бахшидааст.

Боби дувум «Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк» номида шуда, аз се зербоб иборат аст. Дар он табиати ҳуқуқи ҷиноятии мусодираи молу мулк ҳамчун яке аз намудҳои ҷазое, ки он ба низоми ҷазои дар КҶ ҶТ муқарраршуда (м. 47 КҶ ҶТ) дохил аст ва мутобиқи қ. 3, м. 48 КҶ ҶТ танҳо ба сифати ҷазои иловагӣ таъин мешавад, мавриди баҳс ва баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант қайд менамояд, ки аз сабаби он ки мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазо ба ҳисоб меравад, пас, чунин хулоса бояд баровард, ки мақсадҳои дар назди ҷазои ҷиноятӣ гузошташуда (қ. 2, м. 46 КҶ ҶТ) пурра ба мусодираи молу мулк низ хос мебошанд.

Тавре ки дар автореферат мушоҳида шуд, масоили матраҳгардида аз сӯи унвонҷӯ ба таври куллӣ муваффақона ҳаллу фасли худро ёфтааст. Ба назар мерасад, таҳқиқоти Зафарзода Зокир дар мавзӯи «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ» кори мукаммал ва анҷомёфта буда, дар сатҳи матлуби илмӣ ва дар қолаби муқаррарии диссертатсияи иншо шудааст. Бидуни шак, диссертатсия аз аҳамияти зиёди илмӣ бархӯрдор

буда, ҳамчун маводи илмии комил барои донишҷӯёну пажӯҳишгарони соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ буда метавонад.

Ягона эроде, ки метавон ба унвонҷӯ гирифт, ба назари мо, маҳдуд шудани диссертат ба кодексҳои ҷиноятии давлатҳои собиқ Шӯравӣ аст, ки зоҳиран тафовути хеле ночизе доранд. Хуб мебуд, агар муаллиф дар баробари ин ҳама, ба масъалаи мусодираи молу мулк дар қонунгузории кишварҳои аврупоӣ, низ ишороте медошт.

Дар маҷмӯъ, автореферати рисолаи Зокирзода Зафар Хайрулло фарогири пурраи муҳтавои диссератсия буда, дар он масъалаҳои гузошташуда аз лиҳози илмӣ пайдарпай баррасӣ гардида, мантиқан ҳаллу фасл шудаанд ва сазовори баҳои баланд аст.

Таҳқиқоти Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзӯи «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ» як кори бунёдӣ буда, комилан ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Зокирзода Зафар Хайрулло сазовори дарёфтаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсенти кафедраи фанҳои ҳуқуқи давлатии**
**Донишгоҳи славиянии Россия-Тоҷикистон** **Тулиев И.Р.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи славиянии Россия-Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи МирзоТурсунзода, 30. Тел.: (+992 237) 221-35-50. E-mail: pektora@mail.ru

**«Имзои Тулиев И.Р.-ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи славиянии Россия-Тоҷикистон** **Алиев А.Ҷ.**